АМОНАТБОНК

www.amonatbonk.tj

Амонатбонк фаъолияти худро дар соли 2025 дар асоси дастуру супоришҳои Паёми солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025”», «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ва вазифаҳо барои соли 2025», инчунин мутобиқи Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонк барои соли 2025 ба роҳ монд.

Тадбирњои андешидашуда имкон доданд, ки дар маљмўъ нишондињандањои асосии Бонк тибќи њадафњои афзалиятнок таъмин гарданд.

Амонатбонк ба зиёда аз 17 ҳазор корхонаю ташкилот, зиёда аз 898 ҳазор нафар нафақагирони мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ба 2,2 миллион нафар пасандозгузорон тавассути 75 филиал ва 547 маркази хизматрасонии бонкӣ, бо ҷалби зиёда аз 3 ҳазор нафар кормандон, хизматрасонӣ менамояд.

Дороиҳои Бонк 11 млрд сомонӣ ва уҳдадориҳои Бонк 9,9 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2024 мутаносибан 26 фоиз ва 28 фоиз зиёд мебошанд.

Пардохтпазирии Бонк дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта шуда, маблағҳо сари вақт ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида шуданд.

Сармояи Бонк ба 1,1 млрд сомонӣ расид, ки дар муқоиса ба соли 2024 10 фоиз афзоиш ёфтааст.

Фоидаи софи Бонк 150 млн сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2024 7 фоиз зиёд мебошад.

Бонк аз рӯи фаъолияти худ 124,6 млн сомонӣ андозу пардохтҳои ҳатмиро ба Буҷети давлатӣ пардохт намудааст, ки нисбат ба соли 2024 12 фоиз зиёд мебошад.

Бақияи амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ 9,1 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2024 33 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, пасандозҳои аҳолӣ 3,3 млрд сомониро ташкил намуда, дар муқоиса ба соли 2024 16 фоиз зиёд гардидааст.

Фоизҳои аз ҷониби Бонк ба аҳолӣ пардохтшуда дар соли ҳисоботӣ 108 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2024 22 фоиз зиёд мебошанд.

Бо мақсади иҷрои сифатноки дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, ки дар Паёми солона ироа гардидаанд, инчунин барои боз ҳам баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, дар соли ҳисоботӣ иқдоми нави пасандозӣ бо тарзи фосилавӣ таҳти унвони «Дастрас» бо пули миллӣ дар замимабарномаи мобилии «Амонатмобайл» ҷорӣ карда шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади ҷалби бештари пасандозҳои аҳолӣ ба гардиши бонкӣ, меъёри фоизии пасандозҳои муҳлатноки 2-сола, 3-сола ва пасандози «кӯдакона»-ро аз 1 то 2 банди фоизӣ баланд намуд.

Амонатбонк дар самти ҷалби сармояи мустақим низ фаъолиятро пурзӯр намуда, аз ҳисоби хаттҳои қарзии Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҶС «KAZAKHEXPORT»-и Қазоқистон ва Бонки давлатии рушди Хитой

ба 56 ширкати ватанӣ маҷмуан 50,5 млн доллари ИМА ва 5,8 млн юани хитоӣ қарзҳои бонкӣ пешниҳод намуд.

Бо мақсади саҳмгузорӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва татбиқи дигар барномаҳои давлатӣ дар самти дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, Бонк иқдомҳои қарзии имтиёзнокро таҳти унвони «Рушди деҳот», «Нури дониш-2025» ва «Орзуҳои солинавӣ-2026» роҳандозӣ намудааст.

Боиси қайд аст, ки Амонатбонк бо мақсади дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ дар самти сохтмону васеъ намудани манзили истиқоматӣ ва харидории манзилҳои истиқоматӣ, «Қарзҳои ипотекӣ»-ро ҷорӣ намудааст.

Бонк сиёсати қарздиҳии худро таҷдид намуда, ба соҳаҳои афзалиятнок имтиёзњо фароҳам оварда, меъёри фоизи қарзҳоро бо пули миллӣ аз 2 то 4 банди фоизӣ паст намудааст.

Айни замон, пешниҳоди қарзҳои Амонатбонк ба мизоҷон дар доираи аз 10 то 24 фоизи солона бо пули миллӣ ва аз 7 то 12 фоизи солона бо асъори хориҷӣ муайян карда шудааст. Муҳлати истифодаи қарзҳо то 5 сол муқаррар карда шуд.

Бонк дар соли 2025 аз ҳисоби захираҳои дохилию хориҷӣ ба зиёда аз 60 ҳазор мизоҷ 2,5 млрд сомонӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод намудааст.

Қарзҳои додашудаи Бонк ба соҳаҳои саноат 5,3 фоиз, кишоварзӣ 10,9 фоиз, истеъмолӣ 49,9 фоиз, сохтмон 4,7 фоиз, тиҷорат 9,5 фоиз, қарзҳои байнибонкӣ 17,3 фоиз ва дигар соҳаҳо 2,4 фоиз рост меояд.

Сандуқи қарзии Бонк зиёда аз 3,7 млрд сомонӣ ва шумораи қарзгирон аз рӯйи бақия зиёда аз 84 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Шумораи 284 адад марказҳои хизматрасонии Бонк вобаста ба зичии аҳолӣ ба шафати шоҳроҳҳо ва марказҳои савдою хизматрасонӣ кӯчонида шуда, фаъолияти 28 адад хазинаҳои бегоҳирӯзии Бонк, ки дар шаҳрҳои калонтарини ҷумҳурӣ амал мекунанд, пурзӯр карда шуд.

Бонк дар маҷмӯъ бо 8 505 корхонаву ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ҳамкориро ба роҳ мондааст, ки нисбат ба соли 2024 121 адад зиёд мебошад.

Шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ба наздики 2 млн нафар расидааст.

Амонатбонк дар доираи иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 8 январи соли 2025, № 911 Дар бораи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намудани солҳои 2025-2030 тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Дар раванди рақамикунонӣ бошад, «Тартиби қабули дархост барои пешниҳоди қарз тавассути чат-боти AmonatbankBot дар низоми Telegram» тасдиқ ва дар амал ҷорӣ карда шуд. Мизоҷони Бонк имкон пайдо намуданд, ки новобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ тавассути телефони мобилӣ (смартфон) дар низоми Telegram дар чат-боти AmonatbankBot барои гирифтани қарз дархост пешниҳод намуда, дар кутоҳтарин муҳлат маблағи қарзӣ дастрас намоянд.

Барномаи дохилисоҳавии гардиши ҳуҷҷатгузории электронӣ “Амонатдокс” таҷдид карда шуда, имкониятҳои функсионалии нав, аз ҷумла пешбурди равандҳои марбут ба ҳаракати кормандон илова карда шуд.

Бонк ба низоми ягонаи гардиши ҳуҷҷатгузории электронии байниидоравӣ,ки аз ҷониби Агентии иноватсия ва технологияҳои рақамӣ таҳия шудааст, пурра шомил гардид.

Дар иртибот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" Бонк инфрасохтори заруриро дар нозиротҳои андоз ва филиалҳою марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар тамоми ҷумҳурӣ фароҳам овардааст.

Аз ҷумла, ҷиҳати ба роҳ мондани пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ, аз ҷониби Амонатбонк 1 130 адад постерминал дар нозироти андоз, тамоми филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар тамоми ҷумҳурӣ фаъол карда шуданд. Дар муассисаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ бошад, 3 991 адад таҷҳизоти электронӣ насб гардидааст.

Бо мақсади фароҳам овардани имконияти пардохти хизматрасониҳои муздноки давлатӣ ва тақвият бахшидани хизматрасониҳои фосилавӣ, дар замимабарномаи мобилии «Амонат-мобайл» мутобиқати технологӣ бо хизматрасониҳои ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба роҳ монда шуд. Шумораи умумии истифодабарандагони барномаи мобилии мазкур зиёда аз 1,5 млн нафарро ташкил медиҳад.

Иловатан, барои анҷом додани хизматрасониҳои ғайринақдӣ дар саҳифаи расмии Амонатбонк равзанаи алоҳида мавриди истифода қарор дорад.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 дар бахши хусусӣ 1 226 адад ва дар муассисаҳои давлатӣ 2 899 адад QR-рамзи ягонаи Бонки миллии Тоҷикистон насб гардидааст, ки дар маҷмуъ 4 125 ададро ташкил менамоянд.

Пайвасткунии бомароми ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба интернетбонкинг роҳандозӣ шуда, то имрӯз 17 262 адад корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ ба он пайваст карда шудаанд.

Маркази протсессингии Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" ба 26 ташкилоти қарзӣ хизмат мерасонад ва ҳамчун маркази ягонаи коркарди амалиётҳои молиявии кортҳо амал мекунад.

Тавассути шлюзи пардохтии Бонк, 24 ташкилоти қарзӣ дар замимабарномаҳои худ пардохтҳои давлатиро пешниҳод мекунанд.

Маврид ба зикр аст, ки бо мақсади мусоидат ба рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, дар соли 2025 дар доираи татбиқи иқдоми ба таври ройгон пешниҳод намудани кортҳои байналмилалии Visa, зиёда аз 9 ҳазор адад чунин кортҳо ба мизоҷон дастрас карда шуд.

Таблиғу ташвиқи хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути воситаҳои ахбори оммаи кишвар, инчунин саҳифаҳои расмии Бонк дар шабакаҳои иҷтимоии «Фейсбук», «Инстаграм», «Телеграм» ва сомонаи расмии Бонк ба роҳ монда шудааст.

Филиалҳои Бонк 5,2 млрд сомонӣ маблағҳои коммуналиро аз аҳолӣ қабул намуданд, ки нисбат ба соли 2024 40 фоиз зиёд мебошад.

Дар дастгоҳи марказии Бонк маркази тамос фаъол аст, ки мизоҷон метавонанд бо рақами кутоҳкардашудаи "1885" барои ҳалли мушкилоти худ ба Бонк муроҷиат намоянд.

Шумораи бонувон дар Бонк ба 1 495 нафар расонида шуд, ки 48 фоизи шумораи умумии кормандони соҳибтахассусро ташкил медиҳанд.

Дар раванди татбиқи корҳои хайру савоб, Бонк дар соли ҳисоботӣ ба “Мактаб-интернати №5 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд”-и шаҳри Душанбе ба маблағи 124,1 ҳазор сомонӣ маводҳои хоҷагидорӣ ва хӯрока дастрас намуд.

Дар маҷмуъ кӯмакҳои расонидашуда аз ҷониби Бонк дар соли 2025 маблағи 1,1 млн сомониро ташкил медиҳад.

Маълумоти муфассалро оид ба фаъолияти КВД БА ҶТ «Амонатбонк» метавонед дар сомонаи Бонк www.amonatbonk.tj дастрас намоед.